# Малика Заҳро Оғохон

Суханронӣ ва паёми Канслер дар маросими хатми таҳсили соли
2023-и Донишгоҳи Осиёи Марказӣ

Ҷанобони олӣ,
Иманалиев Канибек Капашович, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон;
Саидзода Раҳим Ҳамро, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Алтынбек Эргашов Раиси вилояти Норин;
ва Мирзонабот Алишер Худобердӣ Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;
Раиси Шӯрои Парасторон, доктор Шамш Кассим-Лакҳа ва аъзоёни Шӯрои Парасторон;
Максим Хомяков декани Мактаби илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ ва дақиқ;
Ҳайати устодон ва кормандони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ;
Донорони саховатманд, шарикон, ризокорон ва дӯстони Донишгоҳи
Осиёи Марказӣ дар саросари ҷаҳон;
Волидайн ва аъзоёни оила;
Меҳмонони олиқадр;
Ва хатмкунандагони мӯҳтарами соли 2023:

Дар ин ҷо, дар Нарин, дар байни зебоии ҳайратангези кӯҳҳои Тиён-Шон будан хурсандии беандоза аст. Ва боз ҳам хушнудии бештар он аст, ки бори дигар бо хатмкунандагони нави мо, ҳам дар Нарин ва ҳам дар муҳити боҳашамати кампуси Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар Хоруғ сӯҳбат мекунем. Он ки мо метавонем ду кампуси худро бо ин роҳ пайваст намоем, ба мо як унсури марказии рисолати Донишгоҳи Осиёи Марказиро хотиррасон мекунад: ин одамонро, аз сарҳадҳоро ва ҳама гуна марзҳоро паси сар кардаанд, пайваст кардан аст.

Панҷ сол пеш, хатмкунандагони соли 2023 бори аввал ба биноҳои гулобию зарди равшан, ки имрӯз моро иҳота мекунанд, ворид шуданд. Оилаи худро тарк кардан ва ба донишгоҳ рафтан дар ҳама ҷо як таҷрибаи пур аз саволҳо ва изтироб, ҳаяҷон ва интизориҳост. Аммо барои ин ҷавондухтарон ва ҷавонписарон он як гузариши махсусан муҳим буд. Аксари онҳо аз деҳот ва шаҳрҳои хурд ба Донишгоҳи Осиёи Марказӣ омадаанд. Аксарияти мутлақи онҳо ба забони ғайр аз забони англисӣ, ки воситаи таълими донишгоҳ аст, таҳсил кардаанд. Ғайр аз ин, онҳо танҳо донишҷӯёни соли сеюм буданд, ки ба Мактаби илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ ва дақиқ қабул шуданд, ки то он дам хатмкунанда надошт.

Панҷ соли оянда чӣ меорад? Онҳо пас аз хатми донишгоҳ кадом роҳҳоро пеш мегиранд? Чунин саволҳо нисбат ба ҳолати маъмулӣ бо дараҷаи боз ҳам бештари номуайянӣ садо медоданд.

Имрӯз хатмкунандагони соли 2023 ҷавобро медонад. Хатмкунандагон, солҳои шумо дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо таҳсили серталаб ва пурарзиш, бо лаҳзаҳои кашфи зеҳнӣ ва дарки ногаҳонӣ ва тавассути таҷрибаҳои тағирёбандаи берун аз синф гузаштанд. Ин солҳоро инчунин  як пандемияи ҷаҳонӣ, ки дар роҳи шумо монеаҳои даҳшатоварро гузошт, фарогир шуд, аммо он пешравии қатъии шуморо боздошта натавонист.

Дар замони дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ буданатон шумо дӯстиеро барқарор кардед, ки як умр боқӣ хоҳад монд. Шумо ҳисси наверо пайдо кардед, ки шумо кӣ ҳастед ва ба чӣ қодиред. Шумо кӯшиш кардед ва ноком шудед, бори дигар кӯшиш кардед ва муваффақ гаштед ва ҳис кардед, ки шамоли эътимод бодбонатонро пур мекунад ва шуморо ба сӯи санҷишҳо ва озмоишҳои нав мебарад.

Шумо инчунин пешгузаштагон – хатмкунандагони  солҳои 2021 ва 2022-и худро дидед, ки ба мактабҳои олии маъруф ба аспирантура дохил шуданд, дар муассисаҳои пешбар вазифаҳоро ишғол карданд ва корхонаҳои худро ифтитоҳ намуданд. Акнун шумо пайрави онҳоед. Шумо якҷоя бо онҳо анъанаҳои Донишгоҳи Осиёи Марказиро муайян мекунед. Шумо пас аз даҳсолаҳо, замоне, ки ин Донишгоҳ аз ҷиҳати миқёс ва нуфуз ба таври беандоза рушд хоҳад кард, метавонед бигӯед: ман дар ибтидо дар он ҷо будам. Ман барои гузоштани тахкурсии муваффақиятҳои олӣ ёрӣ расондам. Ва бо таҳсиле, ки ман гирифтам, ба он чизҳое ноил шудам, ки гумон ҳам намекардам.

Албатта, хатми  соли 2023 ва Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар маҷмӯъ бе кӯмаки берунӣ ба ин қуллаи дастовардҳо нарасид. Мо бояд ба омӯзгорони худ ва кормандон, ки шавқу рағбати хатмкунандагонро афрӯхтанд ва ташнагии онҳоро ба дониш барангехтанд, ташаккур гӯем. Мо бояд падару модарон ва аъзои оилаи хатмкунандагонро, ки имрӯз қалбашон саршор аз ифтихори сазовор аст, эътироф кунем. Мо бояд сипоси беандозаи хешро ба донорон, шарикон ва ризокорон расонем. Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бе саховатмандӣ ва кӯмаки зиёди онҳо ин ҷавондухтарону ҷавонписарони боистеъдодро тайёр карда наметавонист.

Ниҳоят ва муҳимтар аз ҳама, мо бояд ба Ҳукуматҳои Давлатҳои Муассиси Донишгоҳи Осиёи Марказӣ изҳори ташаккур намоем, чун онҳо дар ин муваффақият саҳми бузург гузоштаанд. Агар Донишгоҳ имрӯз пешрафт карда бошад, ин аз он сабаб аст, ки шарикони ҳукуматии мо муҳити мусоидеро фароҳам овардаанд, ки боиси инкишоф ва рушди он гардидааст.

Хонумон ва ҷанобон, ман чанде аз андешаҳо ва эҳсосоти худро ба муносибати ин падидаи муҳим бо шумо баён кардам. Ҳоло мехоҳам як паёми Канслери донишгоҳ, Волоҳазрат Оғохонро дастраси шумо гардонам.

***Паёми Канслер:***

Хатмкунандагони соли 2023, Парасторон, меҳмонони гиромӣ, омӯзгорон ва кормандон, дӯстон ва ҷонибдорон:

Ду даҳсола пеш Донишгоҳи Осиёи Марказӣ танҳо як ғоя буд. Ин ғоя фарққунанда, ҳатто нодир буд, ки як муассисаи бисёркампусаи якчанддавлатиро дар бар гирифта, ба рушди ҷомеаҳои кӯҳистон равона шуда буд. Он тарафдорони содиқ ва ҷонибдорони саховатмандро ҷалб кард. Он ба шарофати Ҳомиёни худ, Президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон заминаи мусоид фароҳам овард. Инҳо дороиҳои бузург буданд, ки ба оянда умед мебахшанд. Аммо сафар аз идея ба воқеият танҳо нав оғоз шуда буд.

Хатми таҳсили соли 2023 ба мо хотиррасон мекунад, ки мо дар тӯли солҳои охир то чӣ андоза пеш рафтаем ва чӣ қадар корҳоро анҷом додаем.

Дар соли 2006 Донишгоҳи Осиёи Марказӣ Мактаби маълумоти касбӣ ва давомдорро ифтитоҳ кард, то ба шахсони алоҳида дар саросари минтақа малакаҳои арзишмандро таълим диҳад. Аз он вақт инҷониб 220 000 нафар, ки нисфи онҳо занон буданд, курсҳоро аз рӯи якчанд ихтисос, аз кафшергар то ба муҳосиб ва то мутахассиси амнияти кибернетикӣ  хатм кардаанд.

Дар соли 2011 мо Мактаби олии рушдро таъсис додем, то дар соҳаҳое тадқиқот гузаронем, ки бароиояндаи Осиёи Марказӣ ва эҷоди тавонмандӣ дар ниҳодҳои давлатӣ, хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳиманд. Имрӯз тағирёбии иқлим барои минтақа хатари ҷиддӣ дорад, Мактаби олии рушд барои муайян кардани зироатҳои ба хушксолӣ тобовар, таҳқиқи хатари тармафарой, дастгирии рушди инфрасохтори устувор, баррасии таъсири тағйирёбии иқлим ба саломатӣ, ба ҷустуҷӯи роҳҳои халли масъала ҷалб намудани созмонҳои чамъиятӣ кор мекунад.

Дар солҳои 2016 ва 2017 мо кампусҳои аввалини худро на дар пойтахтҳои миллӣ, балки мувофиқи рисолати Донишгоҳ дар минтақаҳои дурдаст, ки дар онҷо онҳо метавонанд таъсири ҳалкунанда дошта бошанд, ифтитоҳ кардем. Ва имрӯз мо севумин маросими хатми таҳсил аз маросимҳои  сершумор ва марҳилаҳои зиёде, ки  дар пешанд, қайд карда истодаем. Таърихи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, ки идеалҳои олӣ ва орзуҳои далерона метавонанд одамони дорои миллатҳои гуногунро ба ҳамкорӣ барои беҳтар кардани сифати зиндагӣ дар дохил ва хориҷи кишвар илҳом бахшанд.

Хатмкунандагон, Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон бо як қатор мушкилот рӯбарӯ ҳастанд. Шаклҳои нави тавонои зеҳни сунъӣ муносибати байни инсоният ва технологияро аз нав

муайян мекунанд. Тағйирёбии иқлим муносибати байни инсоният ва муҳити зистро шакли нав мебахшад. Ҷаҳонишавӣ муносибатҳои байни ҷомеаҳо ва кишварҳоро тағйир медиҳад, зеро ғояҳо, молҳо ва одамон беист аз як канори ҷаҳон ба канори дигар дар ҳаракатанд.

Таҳсилотатон шуморо барои ҳалли ин мушкилот омода кардааст. Шумо илми компютерӣ, илм оид ба муҳити зист, иқтисод ва иртиботот - ҳар яке аз соҳаҳои муҳими ҳаётро омӯхтаед. Шумо фаҳмидед, ки зиндагӣ дар ҷомеаи гуногунранг чӣ маъно дорад. Пеш аз ҳама, шумо фаҳмидед, ки аз душвориҳо набояд тарсид, балки онҳоро қабул бояд кард.

Дар назари ман, шумо таҷассумкунандаи қобилият ҳастед: қобилияти насли нави омода ба роҳҳои нави ҳамкорӣ, муошират ва тафаккур; ва қобилияти як донишгоҳи нави воқиф аз мушкилоти дар ҳоли зуҳур ва омода барои муайян кардани имкониятҳои нави хидмат ба кишвараш. Шумо дар замоне ба дунё омадаед, ки Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ташаккул меёфт, шумо ба мисли худи Донишгоҳ ҷавон ҳастед.

Шумо ва алма матери шуморо ояндаи баробари дурахшон интизор аст. Орзуи ман ин аст, ки ҳардуи шумо дар тӯли даҳсолаҳои зиёд аз ҳамдигар қувват ва илҳом гиред.

Ташаккур!